Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036-и
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
(734019, ш. Душанбе, к. Ф. Муҳаммадиев 17/6

**ТАҚРИЗ**

**Ба автореферати диссертатсияи Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзуи "Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20.– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.**

Автореферати диссертатсияи ба тақриз пешниҳодгашта дар доираи забоншиносии қиёсӣ пешниҳод гардидааст, бо як назари амиқу тозае дар илми забоншиносӣ, ки ҳадафи аслии он дар муқоиса нишон додани дараҷаи таҳқиқи ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад, бо тавсифу қиёси воҳидҳои мураккаби наҳви забонҳои мавриди таҳқиқ вобастагии қавӣ дорад.

Бинобар ин, таҳқиқи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ки ҳар яке аз онҳо аз рӯйи пайдоиши генетикӣ ба оилаи гурӯҳҳои мухталиф мансуб мебошанд, феълан хеле мубрам ба ҳисоб рафта, метавонад баҳри шинохту баррасии забонҳои гурӯҳи эронӣ ва германии оилаи ҳиндуаврупоӣ мусоидат намояд.

Бояд қайд кард, ки масъалаи таҳқиқ ва таҳлили ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забоншиносии муосир яке аз мавзуҳоест, ки тӯли солиёни зиёд таваҷҷуҳи забоншиносону наҳвшиносонро ба худ ҷалб намудаст. Аз натиҷаи омӯзиши асарҳои илмии роҷеъ ба ин мавзуъ бармеояд, ки сарчашмаи омӯзиши масъалаҳои гуногуни наҳви забонҳои тоҷикиву англисӣ ҳанӯз аз асрҳои миёна шуруъ гардида, то ба замони мо идома дорад.

Ба ақидаи муаллиф дар бораи ҷумлаҳои мураккаб донишмандони асримиёнагӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар ин маврид андешаҳои ҷолиб ва арзишманде баён намудаанд. Аз ҷумла, Абӯалӣ Ибни Сино дар робита бо категорияҳои мантиқии ҷумлаҳои мураккаб шарҳу тавзеҳоти ҷолибе ироа намудааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа аввалин маротиба дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ дар шакли таҳқиқи алоҳидаи илмӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия бори нахуст вижагиҳои асосии тавсифҳои ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа, сохтор, қолабҳои ҷумласозии онҳо, таснифоти онҳо, хусусиятҳои сохториву маъноӣ, воситаҳои грамматикӣ ва

ифодаи тобишҳои гуногуни маъноҳои иловагии ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа дар забонҳои тоҷикиву англисӣ мавриди баҳси илмӣ қарор гирифта, фарқияту умумияти онҳо дар муқоиса нишон дода шудааст. Илова бар ин, нақши вазифаҳои синтаксисии пайвандакҳо, воситаҳои ғайрипайвандакии алоқаи ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа бо сарҷумла, вожаҳои ҳамнисбат, интонатсия, сермаъноии ин навъи ҷумлаҳо, тавофути ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа аз дигар навъҳои ҷумлаи пайрав дар забонҳои муқоисашаванда ба риштаи пажуҳиш даромадаанд.

Натиҷаҳои эътимоднокии таҳқиқотро мутобиқати ҳаҷми диссертатсия, коркарди нуктаҳои асосии таҳқиқот дар шакли мақолаҳои илмӣ ва натиҷагириву хулосабарориҳое, ки дар заминаи сарчашмаҳои таҳқиқшуда муайян карда шудаанд, ташкил медиҳад.

Кори диссертатсионии **Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзӯи “Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** ба талаботи ба расмиятдарории диссертатсия ва автореферат ҷавобгӯ буда, дар он тарзи овардани иқтибос, таҳияи бобу фасл ва зерфаслҳо, хулосаву рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима сурат гирифтааст, ки ба мазмун ва моҳияти дисертатсия арзиши дигар зам мекунад.

Мақолаҳо ба мавзуи таҳқиқшаванда мутобиқ буда, мундариҷаи кори илмии бaанҷомрасидаро инъикос менамоянд.

Дар баробари дастовардҳои муҳим диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи рисола хеле муфиданд:

1. Дар аксарияти саҳифаҳои автореферат хатогиҳои имлоӣ ба чашм мерасад.
2. Дар автореферати рисола хатогиҳои услубию техникӣ ба назар мерасанд, вале манзалати корро коста намегардонанд.

Дар маҷмуъ, камбудиву норасоиҳои номбаршуда аҳамияти илмии таҳқиқи мазкурро халалдор намесозанд, зеро аксари онҳо ҷанбаи фаннӣ - тавсиявӣ дошта, ислоҳпазиранд ва ба мазмуну мухтавои диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Автореферати диссертатсия таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ барои илми забоншиносии тоҷик маводи зарурӣ маҳсуб меёбад.

Фишурдаи диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ), осори илмиву мақолаҳои дар ин замина нашркардаи диссертант мазмуну мухтавои диссертатсияро ба пурррагӣ инъикос ва ифода мекунанд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Диссертатсияи **Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзӯи "Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** кори анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Муқарризи ғайрирасмӣ:**


Профессори кафедраи забонҳои хориҷии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои филологӣ Раҳмон Наргис Шариф

Суроға: 734003 ш. Душанбе, н. Сино, хиёбони
Нусратулло Махсум 8/4, 43
Телефон: 917-09-02-99;
Email:: nargisbonu66@mail.ru.


Имзои профессор Раҳмон Н.Ш-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Зоирхонзода Фаромуз Зоирхон


**Суроға:**734003 ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
Тел.: (992 37) 224-17-86
www.apa.tj


«_20_»_08_ соли 2025